**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ**

# Бонки ҷаҳонӣ лоиҳаи НБО Роғунро баҳри беҳтар намудани дастрасии мардум ба нерӯи барқи дастрас, боэътимод ва устувор дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ дастгирӣ мекунад

**ВАШИНГТОН, 17 декабри соли 2024** - Дар доираи марҳилаи нахустини барномаи расонидани ёрӣ ба Тоҷикистон дар маблағгузории ба анҷом расонидани сохтмони нерӯгоҳи барқи обии (НБО) Роғун, Бонки ҷаҳонӣ имрӯз гранти Ассотсиатсиаи байналмилалии рушдро (АБР) дар ҳаҷми 350 миллион доллари ИМА тасдиқ намуд. Бо иқтидори лоиҳавии насбшудаи 3,780 мегаватт НБО-и Роғун тақрибан 10 миллион нафар аҳолии Тоҷикистонро бо дастрасии беҳтар ба нерӯи барқ таъмин мекунад ва дар бартарафсозии мушкилии норасоии нерӯи барқ, ки дар моҳҳои зимистон хусусияти доимиро касб намудааст, кӯмак мерасонад. Илова бар ин, тақрибан 70 фоизи нерӯи барқи дар НБО-и Роғун истеҳсолшуда барои бо нархи дастрас иваз намудани нерӯи барқи бо истифода аз сӯзишвории органикӣ истеҳсолшуда ба Қазоқистон ва Ӯзбекистон содирот хоҳад шуд. Ин дар навбати худ имкон медиҳад ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ коҳиш дода шавад.

“*Лоиҳаи нерӯгоҳи барқи обии Роғун метавонад ба Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар суръат бахшидани гузариш ба истифодаи нерӯи аз ҷиҳати экологӣ тоза, афзоиши рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим, кӯмак расонад,”* қайд намуд **Антонелла Бассани, Ноиби президенти Бонки ҷаҳонӣ барои Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ**. *“Пас аз анҷом ёфтани лоиҳа хонаводаҳо ва корхонаҳо метавонанд ба таъминоти ниҳоят зарури доимӣ, дастрас ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи нерӯи барқ умед банданд. Бонки ҷаҳонӣ дониш ва таҷрибаи назаррасро аз макроислоҳот то бунёди инфрасохтори азим мувофиқи стандартҳои қатъии экологӣ ва иҷтимоӣ, ба лоиҳаи дорои чунин миқёс зам мекунад.”*

Бо дарназардошти мураккабии лоиҳа, механизмҳои назоратӣ такмил дода мешаванд, то татбиқи лоиҳа ба стандартҳои беҳтарини байналмиллалӣ ва пешбурди таҷрибаҳои устувори молиявӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ мусоидат кунанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадор шуд 3 фоизи даромадро аз ҳисоби фурӯши нерӯи барқ барои барномаи умумимиллии истифодаи муштараки манфиатҳо (ИММ) баҳри маблағгузории дастгирии иҷтимоии қишри камбизоати аҳолӣ ва вусъатдиҳии шабакаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар давраи сохтмон, ки пас аз анҷомёбии сохтмон то 5 фоиз афзоиш меёбад, ҷудо намояд.

Барои анҷом додани сохтмони НБО-и Роғун 6,29 миллиард доллари ИМА лозим аст, ки он аз ҳисоби даромадҳои лоиҳа, захираҳои дохилӣ ва шарикони рушд маблағгузорӣ хоҳад шуд. Сармоягузориҳо ба НБО-и Роғун дар ҷалб намудани 2,97 миллиард доллари ИМА дар шакли грант ва маблағҳои имтиёзнок аз ҳисоби гуруҳи шарикони рушд ва сармоягузорон, аз он ҷумла Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии рушд (БОР), Бонки Осиёгии сармоягузориҳои инфрасохторӣ (БОСИ), Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР), Бонки инвеститсионии Аврупо (БИА), Иттиҳоди Аврупо (ИА), Бонки исломии рушд (БИР), Фонди ОПЕК барои рушди байналмилалӣ, Фонди Саудӣ, Фонди рушди Абу Дабӣ, Фонди Қувайт ва эҳтимолан, шарикони дигар, мусоидат хоҳанд намуд.

Чунин дастгирии дастаҷамъона метавонад ба татбиқи ислоҳоти васеътари иқтисодӣ дар кишвар мусоидат намояд ба аз меъёр зиёд маҳдудсозии буҷети давлатӣ аз тарафи лоиҳа ва баровардани

захираҳо аз соҳаи рушди иқтисодӣ ва хизматрасониҳои муҳимтарин дар соҳаҳои тандурустӣ ва маориф, роҳ надиҳад. Он инчунин метавонад хавфи ба миён омадани буҳрони қарзиро дар кишвар, бидуни зери хатар қарор додани чашмандози рушди он, коҳиш диҳад.

"*НБО-и Роғун лоиҳаи муҳимми минтақавӣ маҳсуб меёбад,"* афзуд **Чарлз Кормие, директори Бонки ҷаҳонӣ оид ба инфрасохтор дар Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ**. *"Илова бар ҳалли муаммои норасоии нерӯи барқ дар Тоҷикистон ва мусоидат ба коҳишдиҳии партовҳои гази карбон дар шабакаҳое, ки дар Қазоқистон ва Ӯзбекистон аз сӯзишвории органикӣ вобастаанд, НБО-и Роғун метавонад дар мӯътадилсозии хизматрасониҳои манбаъҳои муваққатӣ ба монанди нерӯи офтобӣ ва бод бахри суръатбахшии гузариш ба нерӯи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар Осиёи Марказӣ, ёрӣ расонад. Пас аз анҷоми сохтмони нерӯгоҳ, он ба рушди бозори минтақавии нерӯи барқ ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи энергетика мусоидат хоҳад намуд."*

НБО-и Роғун амнияти захираҳои об ва тобовариюю устуворӣ ба тағйирёбии иқлимро дар минтақа таҳким мебахшад. Бо истифода аз зарфияти дар обанбор мавҷудбуда, НБО-и Роғун дар муҳофизати иншооти гидроэнергетикӣ ва ҳудудҳои дар поёноб ҷойгиршуда аз обхезиҳои шадид ёрӣ мерасонад.

**Истинодҳои дахлдор:**

Саҳифаи Бонки ҷаҳонӣ дар бораи НБО-и Роғун

Маблағгузории устувор барои лоиҳаи НБО-и Роғун

Гуруҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти энергетикии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**РАҚАМИ ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ:** 2024/ECA/065

***Тамос:***
*Дар Душанбе:* Дилафрӯз Зоирова, + 992 48 701 5820, *dzoirova@worldbankgroup.org*

*Дар Вашингтон:* Кристофер Уолш, +1 (202) 473-4594, cwalsh@worldbankgroup.org

*Маълумоти иловагӣ дар бораи лоиҳаҳо ва фаъолияти Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон:*
*www.worldbank.org/tj*

Саҳифаи мо дар Facebook: https://www.facebook.com/WorldBankTajikistan
Хабарҳои навин тавассути Twitter: http://www.twitter.com/ worldbankeca
Наворҳо дар канали YouTube: http://www.youtube.com/worldbank